**Тақриз**

**ба диссертатсияи Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзӯи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.**

Диссертатсияи Нуриддинзода С. Ҳ., ба омӯзиши яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот ва аҳамияти омӯзиши он бебаҳс аст. Зеро дар шароити муосир технологияҳои назарфиребӣ дар баробари давлатҳо, инчунин аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро ба таври васеъ истифода гардида истодаанд. Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба ҳизбуҳаракатҳои мазкур имконият додаанд, ки дар шабакаи интернет бо роҳи паҳн намудани ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ ба зеҳну тафаккури ҷомеа таъсиргузорӣ намоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин раванд ба як падидаи бесуботкунанда табдил ёфта истодааст. Тӯли солҳои охир аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ» (минбаъд ТЭТ ҲНИ), «Гурӯҳи 24», бо ном «Паймони миллии Тоҷикистон» (минбаъд ТЭТ ПМТ) ва дигар ташкилотҳои террористию экстремистие, ки бо қарори Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташон дар қаламрави кишвар манъ гардидаанд, ҷиҳати расидан ба мақсадҳои худ дар фазои иттилоотии кишвар ҳуҷумҳои иттилоотию психологӣ анҷом медиҳанд.

Мақсади онҳо тағйир додани зеҳну тафаккури шаҳрвандони мамлакат ба шумор меравад. Ҳамзамон ташкилотҳои мазкур кӯшиш намуда истодаанд, ки бо роҳи иғвоангезӣ ва дурӯғпардозӣ шаҳрвандони мамлакатро дар муқобили сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қарор диҳанд. Чунин вазъ муҳиммияти омӯзиши мавзуи мазкурро асоснок намуда, ҳамчун таҳқиқоти саривақтӣ барои таҳкими суботи сиёсии кишвар нигаронида мешавад. Зеро истифодаи технологияи назарфиребӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароию террористӣ имконият медиҳад, ки бархе аз сокинони мамлакатро ба сафҳои худ ҷалб намуда, дар муқобили давлату ҳукумат сафарбар намоянд. Чунин ҳолат имкон медиҳад, ки технологияи назарфиребиро ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ намоем.

Истифодаи технологияҳои назарфиребии сиёсӣ аз ҷониби неруҳои иҷтимоию сиёсӣ таърихи қадима дорад. Онҳоро дар ҳама давру замон барои расидан ба мақсадҳои сиёсии худ истифода намудаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Нуриддинзода С. Ҳ., паҳлуҳои гуногуни маҳз

ҳамин масъала омӯхта шуда, дар робита бо пешгирии он тавсияҳои амалӣ манзур гардидааст.

Муаллифи таҳқиқот тавонистааст, ки моҳият ва хусусиятҳои назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа ро дар асоси таҳлилҳои амиқ нишон диҳад ва аз он натиҷагирӣ намояд. Мубрам будан ва аҳамияти таҳқиқот ҳамчунон дар он зоҳир мешавад, ки истифодаи назарфиребии сиёсӣ хавфи мағзшӯӣ гардидани ҷавононро бештар месозад. Дар навбати худ мағзшӯӣ яке аз навъҳои назарфиребӣ мебошад. Ташкилотҳои террористию экстремистӣ технологияи мағзшӯиро барои ҷалби ҷавонону наврасон ба сафҳои худ, шомил кардани онҳо ба дастаҳои нимаҳарбии ҷиноятпешаи худ, барои анҷом додани амалҳои террористӣ сафарбар намудани онҳо истифода мебаранд. Аксарияти ҷавононе, ки ба сафи ташкилотҳои террористӣ пайвастаанд, бо роҳи мағзшӯӣ ба доми террористон афтодаанд.

Дар раванди таҳқиқот методҳои таҳлили системавӣ, функсионалию сохторӣ, типологӣ, мониторинги шабакаҳои иҷтимоӣ истифода бурда шудаанд. Ба воситаи методи функсионалӣ муайян карда шуд, ки имрӯзҳо ба воситаи шабакаҳои интернет ва технологияҳои иттилоотӣ кадом амалҳоро анҷом медиҳанд ва онҳоро барои расидан ба мақсадҳои худ дар кадом шакл истифода мебаранд. Инчунин самтҳо ва мақсадҳои истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаи методи мазкур муайян карда шуд. Ба воситаи методи сохтори таркиби мураккаби назарфиребии сиёсӣ ва унсурҳои ҷудогонаи он муайян карда шуд. Методи мазкур имконият дод, ки ҳамзамон сохтори мантиқии таҳқиқот вобаста ба сохтори назарфиребӣ ба роҳ монда шавад. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур назарфиребии сиёсӣ ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, хавфу хатари он дар марҳилаи навини давлатдории миллӣ ва роҳу усулҳои муқовимат бо ин зуҳурот нишон дода шудаанд.

Таҳқиқоти мазкур аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ дорад. Хулосаҳое, ки дар раванди таҳқиқот ба даст омадаанд, барои пажӯҳиши минбаъдаи назарфиребии сиёсӣ, махсусан ҷиҳати таҳқиқи таҳдиду хатари ин падида ва оқибатҳои ногувори он метавонанд ҳамчун сарчашмаи назариявӣ истифода бурда шаванд. Аз ҳама муҳим ин аст, ки дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявии таҳдиду хатари назарфиребии сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон коркард шудаанд. Инчунин хулосаҳои таҳқиқот барои возеҳу равшан намудани хусусиятҳои бевоситаи ҷангҳои иттилоотӣ низ мусоидат менамоянд. Зеро назарфиребии сиёсӣ ва шаклҳои навини он, ки тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет амалӣ карда мешаванд, унсурҳои таркибии ҷангҳои иттилоотиро ташкил медиҳанд.

Инчунин, арзиши назариявии натиҷаҳои тадқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияҳои илмӣ ватағйирпазирии равандҳои сиёсӣ анҷом дода шудаанд, ки

дар самти коркарди консептуалии муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд.

Ба сифати норасӣ ба муаллифи диссертатсия пешниҳод менамоям, ки он камбудиҳои имлоӣ ва техникие, ки дар диссертатсия дида мешаванд бартараф карда шавад. Аммо ин норасоӣ ба мундариҷаи таҳқиқот таъсири амиқ намерасонад ва илмияти диссертатсияро кам намекунад.

Маводи таҳқиқот барои ташаккули ҷаҳонбинии назариявии муҳаққиқони ҷавон ва онҳое, ки ба омӯзиши назарфиребии сиёсӣ машғул мегарданд, аҳамиятнок мебошад. Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои танзиму назорати шабакаи интернет, инчунин дар татбиқи чорабиниҳои сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ оид ба пешгирии таъсири манфии назарфиребии ташкилотҳои террористию экстремистӣ хеле муҳим мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи диссертатсияи Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзӯи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)»,барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ таҳқиқоти илмии мукаммал ва анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи муқаррар намудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Нуриддинзода С. Ҳ. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқаррizi холис:**
Номзади илмиҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Назарзода П.С.

Имзои Назарзода П.С..-ро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

Суроға: 735360, ҶумҳурииТоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail:info@kgu.tj